# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба таҳқиқи диссертатсионии Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи «Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи руҷуъҳои лирикӣ ҳамчун воситаи ифодакунандаи афкору андешаи муаллиф ва баландбарандаи таъсири бадеӣ аз дидгоҳи адабиётшиносии тоҷик то кунун чандон ҳамаҷониба анҷом нагирифта буд. Маҳз дар шароити рушди назарияи адабӣ ва ниёз ба шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои мухталифи осори классикию муосири мо (бахусус, эҷодиёти устод Айнӣ) пажуҳиши пешниҳодгардида аҳаммияти хосса касб менамояд. Муаллиф нишон додааст, ки руҷуъҳои лирикӣ, на танҳо зерунсури муҳими композитсия, балки шакли ибрози мафкура, эҳсосот ва дидгоҳи иҷтимоӣ-сиёсии нависанда низ маҳсуб меёбад.

Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад соли 2019 зинаи бакалаври Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналисити умумӣ, соли 2021 зинаи магистратураи ҳамин донишгоҳро бо ихтисоси журналист – тарҷумон ва соли таҳсили 2023 – 2024 зинаи докторантураи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) хатм намудааст.

Фаъолияти кории ӯ аз Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода шуруъ шудааст. Аз моҳи октябри соли 2019 то моҳи ноябри соли 2021 ба ҳайси мутахассиси бахши таҳлилӣ – иттилоотии Донишгоҳ, аз моҳи ноябри соли 2021 то моҳи июни соли 2022 ба ҳайси сармутахассиси маркази хизматрасонии техникӣ, аз

моҳи июни соли 2022 то моҳи сентябри соли 2022 ба ҳайси сардори маркази тестии Донишгоҳ ва аз моҳи сентябри соли 2022 то инҷониб ба ҳайси маъмури барномаи автоматикунонидашудаи раванди таълим Alfa – Xpress фаъолияти густурда намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби аввал – “Масъалаҳои назариявии сухани муаллиф ва руҷуи лирикӣ дар адабиёти бадеӣ” ном дошта, дар он назарияи истилоҳҳои мазкур, шарҳи онҳо, сайри таърихӣ ва андешаҳои мутахассисон дар бораи онҳо, ҷойгоҳи истифодаи сухани муаллиф дар асари бадеӣ, шаклҳои хоси сухани муаллиф чун руҷуи лирикӣ, шарҳ, поварақ, эпиграф, пролог, эпилог, эссе, монолог ва вазифаҳои онҳо, руҷуи лирикӣ чун падидаи хоси ҳунарӣ, сохторӣ ва поэтикӣ дар адабиёти бадеӣ ҷойи асосиро ишғол кардааст.

Боби дуюми таҳқиқот – “Тасвири руҳияи инсон ва ҳадафҳои ғоявии асар дар руҷуи лирикӣ” унвон дорад ва он масъалаҳои шакл, сабки нигориш, забон ва тарзи баёни руҷуъҳои лирикӣ, руҷуъҳои махсуси лирикии психологии дуовоза ва нидо ҳамчун инъикосгари вазъи руҳии қаҳрамонҳо, истифодаи руҷуи лирикӣ дар назми эпикӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Боби сеюм – «Мақом ва аҳаммияти руҷуъҳои публитсистию таърихӣ дар адабиёти бадеӣ,” бештар хусусияти амалӣ дошта, дар фаслҳои алоҳидаи он яке аз намудҳои маъмули сухани муаллиф – руҷуъҳои публитсистию таърихӣ, пайдоиш ва ташаккули чунин намуди сухани муаллиф дар осори публитсистию бадеии устод Айнӣ баррасӣ гардида,

ниҳоят, мавқеи чунин руҷуъҳо дар повести «Одина»-и устод Айнӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд. Ин нуктаро, инчунин, метавон бо он асоснок кард, ки ин падидаи адабӣ (руҷуъҳои лирикӣ) бо роҳи махсуси худ ба ташаккули мухталифи афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва миллии хонандагон мусоидат намуда, воситаи муассири таъсиррасон мегардад. Осори устод Айнӣ (новобаста аз шакли публитсистӣ ё бадеӣ будан) пур аз шеваҳои гуногуни руҷуъҳои лирикӣ мебошад, ки дар як навъ муколамаи бевоситаи муаллиф бо хонанда зуҳур карда, раванди фаҳму дарки мавзуъҳои муҳим, аз қабили ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, ахлоқу маърифатро осонтар намудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **8 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 5 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) **мувофиқ мебошанд.**

Диссертатсияи мазкур ҳамчун таҳқиқоти илмӣ чанд вазифаи муҳимро дарбар гирифтааст. Нахуст, муайян кардани мафҳум ва меъёрҳои назариявӣ-методологии “руҷуъҳои лирикӣ”, хосиятҳои бадеӣ, ғоявӣ ва услубии онҳо. Дуюм, арзёбии мақоми ин падида дар амиқтар кардани мазмун, паём ва сабки осори публитсистиву бадеии устод Айнӣ. Сеюм, бозгӯ намудани робитаи қавии руҷуъҳои лирикӣ бо ҷанбаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар матни адабӣ. Чаҳорум, пешниҳод намудани хулосаҳои илмие, ки метавонанд дар мутолиаву таҳлили ояндаи осори дигари адабиётшиносии тоҷик истифода шаванд.

Хулоса, диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи «Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)» ба талаботи Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Абдураҳимов Б. А.
“_7_” _январи_ соли 20_25_.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ,
деҳаи Бурёбоф, хонаи 164.
Телефон: (+992) 904-10-85-85.
E-mail: vorisonisomoni@mail.ru

Имзои Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Халифаев Ф. Н.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734019, ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; факс: +992 372325003; сомона: www.dbz.tj
“_7_” _январи_ соли 20_25_.